# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзӯи “Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. - Назария ва методикаи тахсилоти касбӣ 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ.**

Низоми муосири таҳсилот ба татбиқи технологияҳои пуриқтидори компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ равона гардидааст. Маҳз заминаи технологияи нави иттилоотӣ ба татбиқи яке аз бартариҳои асосии низоми нави таҳсилот - таълими фосилавӣ имконият фароҳам меорад.

Барои мутобиқ намудани низоми таълими кишвар ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот мебоист технологияҳои компютерӣ, васоити муосири иттилоотиву иртиботӣ ва меъёрҳои салоҳиятнокии касбиро дар ҳар як фанну ихтисос татбиқ намуд. Бо дарназардошти хусусиятҳои ҳудудии Тоҷикистон ва талаботи рӯзафзуни сифати таълим дар минтақаҳо таълими фосилавӣ ҷойи намоёнро ишғол хоҳад кард. Дар солҳои охир таҳсилоти фосилавӣ вусъат ёфта аст, ки ба ғайр аз таълими бакалавриат онро метавон дар муассисаҳои олӣ, барои такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисон низ истифода намуд. Инчунин таҳсилоти фосилавӣ барои донишҷӯёни маъюб ва онҳое, ки имкони таҳсилро дар шӯъбаҳои рӯзона надоранд имкониятҳои калонро фароҳам меорад.

Ҳоло бинобар рушди низоми татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва васоити интернетӣ масъалаи ташкили таълим бо истифода аз сохти техникии низоми таҳсилоти фосилавӣ аҳамияти хоса дорад. Аз ин лиҳоз омӯзгоре, ки аз технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ истифода карда наметавонад, асосҳои таълими электрониро намедонад, дар фаъолияти касбӣ рақобатро аз даст медиҳад. Дар замони муосир омузгоре, ки аз технологияҳои иттилотиву иртиботӣ ва рақамиву ҳушманд истифода карда наметавонад, ин гуна омузгор бо сабаби дар муошират истифода набурдани зудамалӣ, барои донишҷӯёни худ ҷолиб буда наметавонад.

Бо дар назардошти таваҷҷӯҳи хоса ба таҳсилоти фосилавӣ дар кишвар муаллиф Зиёвиддинзода З.З. як қатор омилҳоро ошкор намуда аст: нахуст парокандагии ҳудуд, муаммои ҳозиршавӣ ба муассисаи таълимӣ, инкишофи иқтисодии бозоргонӣ ва гаронии маблағи роҳпулӣ, ҳолатҳои навази макони зист, муттамарказ гардонидани марказҳои

илмӣ- техникӣ дар шаҳрҳои калон, ташаккул ёфтани талаботҳои навӣ аҳолии кишвар ба таҳсилоти фосилавӣ ба миён гузошта аст.

Муаллифи автореферат истифодаи амсилаҳоро пеш оварда аст, ки боиси аз нав арзёбӣ шудани арзишҳо дар ҷаҳонбинии омӯзгор мегардад. Гап сари он аст, ки аксари омӯзгорон мутмаинанд, ки сабаби давомоти паст ва натиҷаҳои сусти таълимии донишҷӯён дар нокифоягии дарсҳо дар барномаи таълимӣ мебошад. Аммо, бар ақидаи муаллиф ин фикр на ҳамеша дуруст аст.

Бояд зикр намуд, ки яке аз афзалиятҳои пажӯҳиши муҳаққиқ дар он аст, ки мавқеи таҳсилоти фосилавиро дар соҳибкасб гардонидани мутахассисони оянда ошкор намуда, роҳҳои самаранок гардонидани онро зимни омӯзиши фанҳои табиӣ - риёзӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Таҳқиқоти Зиёвиддинзода З.З. нишон дода аст, ки истифодаи чунин технология масофаи байни истеъмолкунандаи хизматрасониҳои таълимӣ ва муассисаи таҳсилоти олиро хеле коҳиш медиҳад. Ҳамин тариқ, самти стратегии рушди низоми таълим дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон – ин рушди зеҳнӣ ва ахлоқии шахс дар асоси ҷалби ӯ ба фаъолияти гуногуни мустақилона ва мақсаднок дар соҳаҳои гуногуни дониш мебошад.

Баҳри таъмини ҳамкории самараноки донишҷӯ ва омӯзгор муҳаққик дар таҳсилоти фосилавӣ як қатор воситаву сахтафзорҳоро пешниҳод менамояд, ки ба он барномаҳои интерактивии компютерӣ, шабакаи интернетӣ, почтаи электронӣ, гаджетҳои мобилӣ, факс ва почтаи оддиро мисол овардааст. Дар шароити муосир дар Тоҷикистон таҳсилоти фосилавӣ бо қулай ва устувории хеш ниҳоят муҳимят пайдо намуд. Вай монеаҳоро барои гирифтани маълумоти касбӣ бартараф намуда, барои одамони ба фаъолияти мехнатӣ банд буда, шароити мусоидро таъмин менамояд, ки аз мубрамияти ин шакли таҳсилот гувоҳӣ медиҳад.

Умуман таҳсилоти фосилавӣ як шакли муосири таҳсил ба ҳисоб рафта, нисбат ба таълими анъанавӣ як қатор бартариятҳоро пешкаш мекунад. Ногуфта намонад, ки албатта он бенуқсон нест, аммо барои баъзе аз донишҷӯён таҳсилоти фосилавӣ метавонад ниҳоят қулай бошад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзӯи "Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)" кори илмии ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, тибқи меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати ҶТ, №505 аз 26.11.2016) омода гардида, ба тамоми талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва худи муаллиф Зиёвиддинзода З.З. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08. - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои физика-математика
аз рӯи ихтисоси 01.04.02 - физикаи назариявӣ,
дотсенти кафедраи технологияҳои
иттилоотию коммуникатсионӣ
ва барномарезии ДДҲБСТ Ғаюров Ҳ.Ш.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17-бинои 2 тел.+992-92-759-36-21. почтаи элек.: gayrov1964@mail.ru вебсомона: www.tsulbp.tj

Имзои дотсент Ғаюров Ҳ.Ш.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДҲБСТ Мирпочоев И.Ҳ.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН